«Тасдиқ карда шудааст»
Бо Қарори маҷлиси умумии
Иштирокчиёни ҶДММ ТАҚХ "Пайванд Гуруҳ"
Суратмаҷлиси № 3 аз "22" феврали соли 2021 .

Бо Қарори маҷлиси умумии
Иштирокчиёни ҶДММ ТАҚХ "Пайванд Гуруҳ"
Пайнавишти № 6 аз "03" августи соли 2021
Пайнавишти №2 аз "02" феврали соли 2022
ва Пайнавишти № 2 аз "20" апрели соли 2023
тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст.

# ОИННОМАИ

## Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди
## Ташкилоти амонатии қарзии хурд
## «Пайванд Гуруҳ»

ш. Душанбе – 2023

# 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1.Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди ташкилоти амонатии қарзии хурд «Пайванд Гуруҳ» (минбаъд «Ҷамъият» ном бурда мешавад), бо Қарори маҷлиси умумии Иштирокчиён, суратмаҷлиси № 3 аз “22” феврали 2021 сол, таъсис дода шудааст. Оинномаи мазкур (минбаъд “Оиннома”), дар якҷоягӣ бо шартномаи таъсисотӣ ҳуҷҷати таъсисии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди ташкилоти амонатии қарзии хурд “Пайванд Гуруҳ” мебошад, ки мутобиқи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд» ва дигар санадҳои меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки фаъолияти субъектони соҳибкориро ба танзим медароранд, таҳия гардидааст.

1.2. Муассисони Ҷамъият, ки дар оянда Иштирокчиён номида мешавад, инҳоянд:

(а) Қаноатов Бадриддин Шамсиддинович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, дорандаи шиносномаи рақами № A02286881, ки аз ҷониби ШВКД-2 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе, дар таърихи 07-уми августи соли 2019 дода шудааст;

(б) Раҳимова Мавлюда Муратовна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, дорандаи шиносномаи рақами № A6318076, ки аз ҷониби ШКД-и ноҳияи И.Сомонии шаҳри Душанбе, дар таърихи 21-уми апрели соли 2011 дода шудааст,

(в) Назриев Ҷамшед Абдусамадович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, дорандаи шиносномаи рақами № A5186918, ки аз ҷониби ШКД-и шаҳри Қурғонтеппа (ҳоло ш.Бохтар) дар таърихи 22-юми январи соли 2009 дода шудааст;

(г) Саидов Абдураҳмон Норбоевич, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, дорандаи шиносномаи силсилаи A03316011, ки аз ҷониби ШВКД-1 дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе, дар таърихи 22-юми апрели 2020 сол дода шудааст,

(д) Мардонов Хамид Мусохонович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, дорандаи шиносномаи рақами A7286658, ки аз ҷониби ШКД-и ноҳияи Шоҳмансури ш.Душанбе, дар таърихи 14-уми сентябри соли 2012 сол дода шудааст;

(е) Гулбоев Комил Фазлиддинович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, дорандаи шиносномаи рақами A01522808, ки аз ҷониби ШММ Колхозчиён ШВКД-и шаҳри Панҷакент, дар таърихи 22-юми сентябри соли 2018 сол дода шудааст ва

(ж) Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Хизматрасон 2017» (минбаъд дар матн ҶДММ “Хизматрасон 2017 ”), ки дар Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ аз санаи 29-уми декабри соли 2016 таҳти рақами ягонаи мушаххас № 0210024174 ба қайд гирифта шудааст. Суроғаи ҳуқуқӣ: ш.Душанбе, ноҳияи И.Сомонӣ, кӯчаи И.Сомонӣ, ошёнаи 2, Муассисон инчунин минбаъд дар алоҳидагӣ “Иштирокчӣ” ва дар якҷоягӣ “Иштирокчиён” ном бурда мешаванд.

1.3. Номи пурраи Ҷамъият чунин аст:

- бо забони давлатӣ: Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди ташкилоти амонатии қарзии хурд «Пайванд Гуруҳ».
- бо забони русӣ: Общество с ограниченной ответственностью микрокредитная депозитная организация «Пайванд Групп»
- бо забони англисӣ: Limited Liability Company Microcredit depozit organization “Payvand Group”;

1.4. Номи ихтисоршудаи Ҷамъият чунин аст:

- бо забони давлатӣ : ҶДММ ТАҚХ Пайванд Гуруҳ»;
- бо забони русӣ: ООО МДО «Пайванд Групп»;
- бо забони англисӣ: LLC MDO “ Payvand Group ”;

1.5. Макон ва суроғаи ҳуқуқии Ҷамъият: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кучаи А.Сино 29/2, Блоки Б.

1.6. Ҷамъият барои давраи номаҳдуд таъсис дода шудааст.

## 2. МАҚСАД ВА НАМУДҲОИ ФАЪОЛИЯТ .

2.1. Мақсади асосии фаъолияти Ҷамъият ин ба даст овардани фоида бо роҳи пешниҳод намудани хизматрасониҳои муосири бонкӣ ба аҳолии кишвар, аз ҷумла пешниҳоди қарзҳои хурд, ҷалби амонату пасандози шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, қабул ва интиқоли маблағҳо ва дигар фаъолиятҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, мебошад.

2.2. Ҷамъият метавонад, дар доираи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» амалиёти бонкии зеринро анҷом диҳад:

- ҷалби амонат ва пасандозҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;
- додани қарзи хурд (бо таъмин ва бе таъмин);
- кушодану пешбурди суратҳисобҳои бонкӣ;
- интиқоли маблағҳои пулӣ бо фармоиши муштариён;
- додани кафолат;
- қарордодҳои форвардӣ ва своп барои худ;
- амалиёти кассавӣ;
- амалиёти ҳисоббаробаркунӣ ва мубодилавӣ;
- барориши кортҳои пардохтии бонкӣ ва амалиёт бо онҳо.

2.3. Илова ба гуфтаҳои боло Ҷамъият ҳамчун ташкилоти амонатии қарзии хурд ҳуқуқ дорад:

- танҳо ба фаъолиятҳои пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» ва иҷозатнома машғул шавад;
- ҳиссаҳои иштирокчиёнро мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон харидорӣ намояд;
- маблағҳои озоди худро дар ташкилотҳои қарзӣ ҷойгир намоянд;
- тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи андозаи қарзи хурд ба иҷораи молиявӣ (лизинг) машғул шавад, ҳамчунин аз ташкилотҳои қарзӣ, шахсони воқеию ҳуқуқии ватанӣ ва хориҷӣ қарз гирад.

Ҷамъият ҳамчун ташкилоти амонатии қарзии хурд ҳуқуқ надорад:

- ба фаъолияте, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» ва ё иҷозатнома пешбинӣ накардааст, машғул шавад;
- ба шахсони дигар барои харидани қоғазҳои қимматноки баровардаи худ қарз диҳад;
- таҳти гарави саҳмияҳои худ қарз диҳад, аз ҷумла қарзе, ки аз иҷрои ҳар гуна ӯҳдадорӣ бармеояд;
- дар бозори қоғазҳои қимматнок фаъолияти касбиро анҷом диҳад;
- ба фаъолияти истеҳсолӣ ва савдо машғул шавад;
- соҳиби молу мулки ғайриманқул гардад, ба истиснои молу мулки ғайриманқуле, ки барои таъмини фаъолияти худ ва эҳтиёҷоти иҷтимоии кормандон, аз ҷумла таъмини онҳо ба манзил зарур аст.

Нисбати кафолати пасандозҳои шахсони воқеи, ки Ҷамъият ҷалб менамояд, талаботи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ мегарданд.

2.4. Ҷамъият пешниҳоди ҳизматрасониҳои бонкиро, ки мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд танҳо дар доираи иҷозатнома амалӣ карда мешаванд, пас аз гирифтани иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон оғоз менамояд.

## 3. ҲОЛАТИ ҲУҚУҚИИ ҶАМЪИЯТ.

3.1. Мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷамъият-шахси ҳуқуқӣ, ки бо мақсади ба даст овардани фоида бо роҳи пешниҳод намудани хизматрасониҳои муосири бонкӣ ба аҳолии кишвар аз ҷумла пешниҳоди қарзҳои хурд, ҷалби амонату пасандози шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, қабул ва интиқоли маблағҳо, инчунин дигар фаъолиятҳое, ки қонунгузории ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, таъсис дода шудааст.

Ҷамъият ташкилоти тиҷоратӣ буда, дар шакли ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд таъсис дода шудааст.

3.2.Ҷамъият фаъолияти худро дар асоси Иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон амалӣ менамояд.

3.3. Бо мақсади амалисозии фаъолият Ҷамъият аз ҳуқуқҳои зерин истифода мекунад: ҳуқуқи соҳибӣ, истифодабарӣ ва ихтиёрдории моликияти худ, ҳуқуқи аз номи худ баромад кардан, ба даст овардан ва амалӣ намудани ҳуқуқҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ, дар суд ба сифати даъвогар ё ҷавобгар баромад намудан, инчунин ба зимма гирифтани ӯҳдадориҳо.

- Ҷамъият метавонад дар доираи маҳдудиятҳое, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» муқаррар кардааст, молу мулки ғайриманқул ва манқулро ба даст орад, молик бошад, истифода намояд, ба иҷора диҳад, фурӯшад.

-Мустақилона тартиби киро ва озод намудани кормандон, давомнокӣ ва тартиби рӯзи корӣ, низом, тартиб ва ҳаҷми музди меҳнати коргарони Ҷамъиятро бо назардошти талаботҳои муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намояд;

-Ҷамъият бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ метавонад барои ҳимоя ва намояндагии манфиатҳои умумии аъзои худ, ҳамоҳанг кардани фаъолияти онҳо, қонеъ намудани манфиатҳои касбӣ, ассотсиатсияҳо ва иттифоқҳо ташкил намояд ё ба онҳо ҳамроҳ шавад.

3.4. Ҷамъият метавонад дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ, суратҳисобҳо бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ, дорои мӯҳри гирда бо номи худ, мӯҳри кунҷӣ, бланкаҳои фирмавӣ ва дигар аломатҳои расмӣ дошта бошад.

Ҷамъият ҳуқуқ дорад бо тартиби муқарраркардаи қонунгузории ҷорӣ дар бонкҳои ғайрирезидент, бо риояи талаботи қонунгузории муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят ба дастоварда, маблағузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом, суратҳисобҳои бонкӣ бо асъори хориҷӣ кушояд.

3.5. Ҷамъият фаъолияти худро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ноил гардидани мақсадҳои гузошташуда амалӣ мегардонад.

3.6. Ҷамъият аз рӯи ӯҳдадориҳояш ба ҳамаи молу мулки худ ҷавобгар мебошад. Иштирокчиёни Ҷамъият аз рӯи ӯҳдадориҳои Ҷамъият масъул намебошанд ва зиёни таваккали марбут ба фаъолияти Ҷамъиятро дар доираи арзиши саҳми гузоштаашон ба ӯҳда доранд.

3.7. Давлат аз рӯи ӯҳдадориҳои Ҷамъият ҷавобгар намебошад, ҳамчуноне, ки Ҷамъият аз рӯи ӯҳдадориҳои давлат ҷавобгар нест.

3.8. Ҷамъият метавонад, дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон филиалҳо, марказҳои хизматрасонии маблағгузории хурд таъсис диҳад ва намояндагиҳо кушояд.

Ҷамъият ва филиалҳои он барои иҷрои амалиёти алоҳида метавонад берун аз маҳалли ҷойгиршавии худ воҳидҳои дигари сохториро таъсис диҳад.

## 4.САРМОЯИ ОИННОМАВИИ ҶАМЪИЯТ.

4.1. Сармояи Оинномавии Ҷамъият аз арзиши номиналии ҳиссаи иштирокчиёни он ташкил карда мешавад. Сармояи Оинномавии Ҷамъият ҳаҷми камтарини молу мулки онро, ки манфиатҳои кредиторони онро кафолат медиҳад, муайян менамояд.

4.2. Сармояи Оинномавии Ҷамъият 6 300 000 (шаш миллиону сесад ҳазор) сомониро ташкил медиҳад, ки аз ҷониби Иштирокчиёни Ҷамъият пардохт карда мешавад.

4.3. Ҳаҷми ҳиссаҳои Иштирокчиёни Ҷамъият чунин аст:

| № № т/бӣ | Насаб, ном ва номи падари Иштирокчиён | Арзиши ҳиссаи номиналии иштирокчӣ дар сармояи оинномавӣ | Ҳаҷми ҳиссаи иштирокчиён дар сармояи оинномавӣ бо фоиз |
|---|---|---|---|

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | бо сомонӣ | |
| 1 | Қаноатов Бадриддин Шамсидиднович | 2 205 000 | 35 % |
| 2 | Раҳимова Мавлюда Муратовна | 1 512 000 | 24 % |
| 3 | Назриев Ҷамшед Абдусамадович | 882 000 | 14 % |
| 4 | Саидов Абдураҳмон Норбоевич | 630 000 | 10 % |
| 5 | Мардонов Хамид Мусохонович | 441 000 | 7% |
| 6 | Гулбоев Комил Фазлиддинович | 315 000 | 5 % |
| 7 | Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Хизматрасон 2017” | 315 000 | 5 % |

4.4. Сармояи Оинномавӣ аз воситаҳои пулӣ ва ғайрипулӣ иборат мебошад, ки аз ҷониби Иштирокчиён тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохт карда мешавад.

4.5. Дар рӯзи додани иҷозатнома аз тарафи Иштирокчиён 100% ҳаҷми андозаи ҳадди аққали сармояи Оинномавӣ ба ҳисоби фароҳамоварии сармоя дар Бонки миллии Тоҷикистон буда, пардохт карда мешавад.

4.6.Барои ташкили сармояи Оинномавӣ наметавонанд, истифода шавад:

-воситаҳои қарзӣ;

-воситаҳое, ки бо сифати гарав ба ҳисоб гирифта шудаанд;

- воситаҳои буҷетӣ.

4.7. Қарор дар бораи зиёдкунии сармояи Оинномавии Ҷамъият ва дар бораи вориднамоии тағйиру иловаҳо мутобиқ ба Оиннома аз ҷониби Иштирокчиёни Ҷамъият қабул мегардад.

4.8. Ҳаҷми сармояи оинномавии Ҷамъият мумкин аст, то ҳаҷми минималие, ки онро Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар кардааст, кам карда шавад.

4.9. Ҷамъият ӯҳдадор аст, ки кредиторони Ҷамъиятро, ки ба он маълум мебошад оид ба камшавии сармояи оинномавии Ҷамъият ва дар бораи ҳаҷми нави он, ба таври хаттӣ огоҳ намояд, инчунин дар матбуот, ки дар он маълумот оид ба бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ нашр мегардад, хабар оид ба қарори кам гардидан, дар давоми си рӯз аз рӯзи қабули қарор дар бораи камкунии сармояи оинномавии Ҷамъият хабар диҳад.

4.10. Арзиши ҳақиқии ҳиссаи Иштирокчиёни Ҷамъият ба қисми арзиши дороиҳои софи ҷамъият, ки бо ҳаҷми ҳиссаи у мутаносиб аст, мутобиқат мекунад.

## 5. ГУЗАШТИ ҲИССА (ҚИСМИ ҲИССА) ДАР САРМОЯИ ОИННОМАВИИ ҶАМЪИЯТ.

5.1. Иштирокчии Ҷамъият ҳақ дорад ҳиссаи худро ё қисми онро аз сармояи оинномавии Ҷамъият ба як иштирокчӣ ё якчанд иштирокчии ҳамин Ҷамъият, ё ба шахсони сеюм бо тартиби муқаррарнамудаи Оинномаи Ҷамъият фурӯшад, ё ба тариқи дигар диҳад.

5.2. Ҳиссаи иштирокчии Ҷамъият мумкин аст, то пардохти пурраи он танҳо дар ҳамон қисме, ки аллакай он пардохта шудааст, бегона карда шавад.

5.3. Иштирокчиёни ҷамъият ҳуқуқи афзалиятноки хариди ҳиссаи (қисми ҳиссаи) иштирокчиёни Ҷамъиятро бо нархи ба шахси сеюм пешниҳодшуда мутаносибан ба ҳаҷми ҳиссаҳои худ истифода мебаранд.

5.4. Ба истиснои талаботи банди 5.5-и дар зер омадаи Оиннома, ягон Иштирокчӣ

наметавонад бе розигии пешакии хаттии Иштирокчиёни дигар ҳиссаи худро дар сармояи Оинномавӣ пурра ва ё қисман ба шахси дигар гузашт намояд. Ҳар гуна гузашти ҳисса, ки мухолифи талаботи ҳамин боб мебошад, беэътибор буда, қувваи қонунӣ надорад ва набояд чун гузашти ҳисса дар сармояи Оинномавӣ ба бадастоварандаи он дар натиҷаи чунин гузашт эътироф гардад. Дар ҳамин боб “гузашти ҳисса” ҳамагуна воситаҳои аз ҷониби Иштирокчӣ бегона кардани ҳиссаро дар сармояи Оинномавӣ дар бар мегирад. Гузашти ҳиссаи Иштирокчӣ дар сармояи Оинномавӣ ба шахси сеюм танҳо бо розигии пешакии хаттии Иштирокчиёни дигар амалӣ мегардад.

Гузашти ҳисса дар сармояи Оинномавӣ аз рӯи мерос, мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад. Ҳиссаҳои сармояи оинномавии Ҷамъият ба ворисони шахсони ҳуқуқие, ки иштирокчиёни ҷамъият мебошанд, мегузаранд.

5.5. Фурӯши ҳисса дар сармояи Оинномавӣ ба Иштирокчиёни Ҷамъият ё шахсони сеюм. Иштирокчиёни Ҷамъият ҳуқуқи афзалиятноки хариди ҳиссаи (қисми ҳиссаи) Иштирокчиеро, ки ҳисса (қисми ҳисса)-и худро фурӯхтан мехоҳад, доро мебошанд.

5.6. Иштирокчии Ҷамъият, ки ҳиссаи (қисми ҳиссаи) худро ба Иштирокчии дигар ё шахси сеюм фурухтан мехоҳад, ӯҳдадор аст, дар ин бора дигар Иштирокчиёни Ҷамъиятро тариқи хаттӣ хабардор намояд. Агар Иштирокчиёни Ҷамъият аз ҳуқуқи афзалиятноки хариди ҳамаи ҳиссаи (ҳамаи қисми ҳиссаи) ба фурӯш гузошташуда дар давоми як моҳи аз рӯзи гирифтани чунин огоҳинома истифода набаранд, ҳисса (қисми ҳисса) мумкин аст ба шахси сеюм бо арзиши муайянкардаи Иштирокчии Ҷамъият ва шахси сеюм фурӯхта шавад.

5.7. Фурӯши ҳисса (қисми ҳисса) аз ҷониби Иштирокчии Ҷамъият ба дигар Иштирокчиёни Ҷамъият бо ду шакли фурӯш сурат мегирад:

- ҷаъми фоидаи эҳтимолие, ки Ҷамъият дар давоми се соли оянда ба даст меорад, мутаносибан ба арзиши номиналии ҳисса (қисми ҳисса)-и ба фурӯш гузошташуда зам карда шуда, баъдан арзиши ҳисса (қисми ҳисса)-и ба фурӯш гузоштшуда муайян шуда, ба Иштирокчии Ҷамъият пешниҳод карда мешавад.

- ба арзиши номиналии ҳар як ҳиссаи ба фурӯш гузоштшуда, нисфи арзиши номиналии он зам карда шуда, баъдан ҳисса (қисми ҳисса)-и ба Иштирокчии Ҷамъият пешниҳод карда мешавад.

Иштирокчии Ҷамъият ҳангоми фурӯши ҳисса (қисми ҳисса)-и худ дар як вақт, танҳо як тартиби фурӯши ҳисса (қисми ҳисса)-ро интихоб менамояд. Дар як вақт бо ду тартиб ба фурӯш гузоштани ҳисса (қисми ҳисса) ба Иштирокчии Ҷамъият иҷозат дода намешавад.

5.8. Иштирокчии Ҷамъият ҳуқуқ дорад, арзиши ҳисса (қисми ҳисса)-и худро ба он Иштирокчие, ки аз дигар Иштирокчиён аз арзиши минималие, ки дар банди 5.7.-и Оинномаи мазкур пешбинӣ шуда зиёдтар кардааст, фурӯшад.

5.9. Дигар ҳуқуқу ухдадориҳои Иштирокчиёни Ҷамъият оид ба тартиби фурӯш ва хариди ҳисса (қисми ҳисса) дар сармояи Оиномавӣ, бо шартномаи таъсисотии Ҷамъият ба танзим дароварда шудааст, ки Иштирокчиёни Ҷамъият тибқи шартҳои шартномаи таъсисотӣ бояд амал намоянд.

5.10. Ҳангоми фурӯши ҳисса (қисми ҳисса) бо вайрон кардани ҳуқуқи афзалиятноки харид ҳар кадом иштирокчии ҷамъият, ҳақ дорад дар давоми се моҳе, ки иштирокчии ҷамъият аз чунин вайронкунӣ хабардор шудаанд ё ин ки бояд хабардор мешуданд ба тариқи суд ба онҳо гузарондани ҳуқуқу ӯҳдадории харидорро талаб намоянд. Ба гузашт кардани ин ҳуқуқи афзалиятнок роҳ дода намешавад.

5.11. Гузашти ҳиссаи (қисми ҳиссаи) сармояи Оинномавии Ҷамъият бояд дар шакли нотариалӣ анҷом дода шавад. Риоя накардани шакли аҳд оиди гузашти ҳиссаи (қисми ҳиссаи) сармояи Оинномавии Ҷамъият, ки Оинномаи Ҷамъият муқаррар кардааст, боиси беэътибории он мегардад.

5.12. Ҷамъият бояд дар бораи додани ҳиссаи (қисми ҳиссаи) сармояи Оинномаи Ҷамъият бо исботи пешниҳоди чунин гузашт хаттӣ огоҳонида шавад. Ба даст дарорандаи ҳиссаи (қисми ҳиссаи) сармояи оинномавии Ҷамъият аз вақти огоҳ намудани Ҷамъият

оиди гузашти мазкур ҳуқуқро амалӣ гардонида ва ӯҳдадориро иҷро менамояд.

5.13. Дар сурати барҳам хурдани шахси ҳуқуқӣ (иштирокчии Ҷамъият) ҳиссаи ба ӯ тааллуқдошта, ки баъди ҳисобу китоб бо кредиторон боқӣ мондааст, дар байни иштирокчиёни шахси ҳуқуқии барҳамхурда тақсим карда мешавад, агар дар қонунҳо, дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ё ҳуҷҷатҳои таъсисотии шахси ҳуқуқии барҳамхуранда қоидаи дигар пешбинӣ нашуда бошад.

5.14. Дар ҳолати додани ҳиссаи (қисми ҳиссаи) сармояи Оинномавии Ҷамъият ба Иштирокчиёни Ҷамъият ё шахсони сеюм, гузариши он ба меросгирон ё ворисони он ё ин ки барои тақсими ҳисса дар байни иштирокчиёни шахси ҳуқуқии барҳамхуранда , чунин розигӣ гирифташуда ҳисобида мешавад, ба шарте ки дар давоми сӣ рӯзи пас аз муроҷиат ба иштирокчиёни Ҷамъият ё дар давоми мӯҳлати дигари муайян кардаи оинномаи Ҷамъият розигии хаттии ҳамаи иштирокчиёни Ҷамъият гирифта шуда ё радди хаттии розигии ягон нафари иштирокчиёни Ҷамъият гирифта нашуда бошад.

Дар ҳолате, ки дар Оинномаи Ҷамъият зарурати гирифтани розигии Ҷамъият барои додани ҳиссаи (қисми ҳиссаи) сармояи Оинномавии Ҷамъият ба иштирокчиёни Ҷамъият ё шахсони сеюм пешбинӣ шуда бошад, чунин розигӣ гирифташуда ҳисобида мешавад, ба шарте ки дар давоми сӣ рӯзи пас аз муроҷиат ба Ҷамъият ё дар давоми дигар мӯҳлати муайянкардаи Оинномаи Ҷамъият розигии хаттии Ҷамъият гирифта шуда ё радди хатии розигии Ҷамъият гирифта нашуда бошад.

## 6. ДОРОИҲОИ (АКТИВҲОИ) ҶАМЪИЯТ

6.1. Дороиҳои Ҷамъият аз воситаҳои асосӣ, муомилотӣ ва дигар дороиҳое иборат мебошанд, ки арзиши онҳо дар баланси Ҷамъият дарҷ гардидааст. Дороиҳои Ҷамъият метавонанд аз сарчашмаҳои зерин ба даст оварда шаванд:

-саҳмгузории Иштирокчиён ба сармояи Оинномавӣ;
- фоидаи Ҷамъият; ва
- дигар сарчашмаҳое, ки тибқи қонунгузорӣ манъ нашудаанд.

6.2. Даромаде, ки Ҷамъият дар натиҷаи фаъолияти соҳибкории худ ба даст меорад, тибқи қонунгузории амалкунанда метавонад пас аз пардохти андозҳо ва дигар пардохтҳои зарурӣ, фоизи қарз, ҷаримаҳо ва муҷозотҳо ба Иштирокчиён пардохт карда шавад.

## 7. МАҚОМИ ОЛИИ ИДОРАКУНИИ ҶАМЪИЯТ

7.1. Мақоми олии идоракунии Ҷамъият-Маҷлиси умумии Иштирокчиёнро ба шумор меравад. Иштирокчиён ҳуқуқ доранд, ки дар Маҷлиси умумии Иштирокчиён ширкат варзанд. Ҳар як Иштирокчии Ҷамъият баробар ба ҳиссааш дар сармояи Оинномавӣ дорои овоз мебошад.

7.2. Иштирокчиён ҳуқуқ доранд, ба воситаи намояндагони худ ҳуқуқҳои худро амалӣ намоянд. Намояндагон мумкин аст доимӣ бошанд ё ба мӯҳлати муайян таъин шуда бошанд. Иштирокчиён ҳуқуқ доранд ҳар замон намояндагони худро иваз намоянд. Намояндагони Иштирокчиён бояд дар доираи ваколатҳое, ки дар ваколатномаи ба тариқи хаттӣ аз ҷониби Иштирокчиён додашуда муқаррар шудаанд, амал намоянд. Ваколатнома бояд мутобиқи талаботи қонунгузорӣ ба расмият дароварда шавад.

7.3. Маҷлиси умумии иштирокчиёнро Раиси Шӯрои нозирон, дар сурати набудани вай бошад, шахси интихобкардаи Маҷлиси умумии Иштирокчиён мебарад.

7.4. Ба салоҳияти истисноии Иштирокчиёни Ҷамъият ҳалли масъалаҳои зерин шомил мебошад:

7.4.1. муайян намудани самтҳои асосии фаъолияти Ҷамъият;

7.4.2. ворид намудани тағйирот ба Оинномa ва ё тасдиқи Оиннома дар таҳрири нав, ворид намудани тағйиротҳо ба шартномаи таъсисотӣ, ё ба имзо расонидани шартномаи таъсисотӣ дар таҳрири нав;

7.4.3. азнавташкилдиҳии Ҷамъият;

7.4.4. барҳамдиҳии Ҷамъият;

7.4.5. таъсис додани мақоми идоракунӣ –Шӯрои нозирон, пешниҳод ва тасдиқ намудани аъзоҳои Шӯрои нозирон, пеш аз мӯҳлат қатъ намудани ваколатҳои онҳо, ё яке аз аъзои Шӯрои нозирон;

7.4.6. тасдиқ кардани ҳисоботи молиявӣ ва бизнес-нақшаҳои Ҷамъият ва қабул кардани ҳисобот оид ба иҷрои нақша;

7.4.7. таъин кардани тафтиши аудиторӣ, тасдиқи аудитор ва муайян кардани пардохти хизмати ӯ;

7.4.8. интихоб ва озод кардани азъои Комиссияи тафтишот ва муайян намудани андозаи мукофотонии онҳо;

7.4.9. тасдиқ кардани натиҷаҳои солонаи фаъолияти Ҷамъият ва филиалҳои он, аз он ҷумла, ҳисобҳои ҷамбастии солонаи (ҳисоботи тавозунӣ, ҳисобот дар бораи фоида ва зарар) Ҷамъият, ҳисоботи Комиссияи тафтишотӣ, Аудитори мустақил, инчунин тақсими фоидаи Ҷамъият;

7.4.10. зиёд ё кам кардани сармояи Оинномавии Ҷамъият;

7.4.11. қабули қарор дар бораи пешниҳоди даъво ба аъзои маъмурияти Ҷамъият;

7.4.12. ба амал баровардани назорат ба ташаккул ва истифодаи Фонди захиравӣ ва муайян сохтани мақсадҳои истифодаи воситаҳои фонди захиравӣ;

7.4.13. муайян намудани андозаи ниҳоии (максималии) аҳдҳо (қарордодҳо), ба Шӯрои нозирон ва Директори Ҷамъият;

7.4.14. боздоштани Қарори Шӯрои нозирон, ки манфиатҳои Ҷамъият ва ё Иштирокчиёни Ҷамъиятро халалдор менамояд;

7.4.15. ҳаҷми ҳисобиро дар фонди захиравии Ҷамъият муайян менамояд;

7.4.16. қабул кардани қарор оид ба ҳамагуна дигар масъалаҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи мазкур.

7.5. Қарорҳои Маҷлиси умумии иштирокчиёни Ҷамъият, ки дар зербандҳои 7.4.1-7.4.9. ва 7.4.11.-7.4.16. номбар карда шудаанд, танҳо дар он мавриد қабулшуда эътироф мегарданд, ки барои онҳо на камтар аз 70% Иштирокчиёни Ҷамъият, овоз дода бошанд.

Қарорҳои Маҷлиси умумии иштирокчиёни Ҷамъият, ки дар зербанди 7.4.10 .-и оиннома зикр карда шуда, танҳо дар он мавриد қабулшуда эътироф мегардад, ки барои он на камтар аз 89% Иштирокчиёни Ҷамъият овоз дода бошанд.

7.6. Маҷлиси умумии навбатии Иштирокчиён ҳар сол гузаронида мешавад. Маҷлиси умумии навбатии иштирокчиён бояд дар муҳлати на дертар аз се (3) моҳи баъди ба охиррасиии соли молиявӣ гузаронида шавад.

Маҷлиси умумии ғайринавбатии Иштирокчиён бо ташаббуси Директор, Шӯрои нозирон, ё дар асоси дархости яке аз Иштирокчиён, даъват карда мешавад.

7.7. Маҷлиси умумии Иштирокчиёни Ҷамъият тибқи моддаҳои 39, 40, 41 ва 42–и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд” даъват карда мешавад ва қабули Қарори маҷлиси умумии Иштирокчиён бо тартиби муқаррарнамудаи оинномаи мазкур амалӣ карда мешавад.

7.8. Масъалаҳое, ки ба ваколати истисноӣ Иштирокчиёни Ҷамъият таалуқ доранд наметавонад барои ҳал намудан ба зиммаи Шӯрои нозирон, Директор, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудани қонунгузории амалкунанда ва оинномаи мазкур, дода шавад.

## 8. ҲУҚУҚУ ӮҲДАДОРИҲОИ ИШТИРОКЧИЁН

8.1.Иштирокчиён ҳуқуқ доранд:

-дар идораи корҳои Ҷамъият бо тартиби муқаррарнамудаи оинномаи мазкур иштирок намоянд, аз ҷумла шахсан ё ба воситаи намояндагони худ дар маҷлисҳои умумии Иштирокчиён иштирок намоянд;

- дар бораи фаъолияти Ҷамъият маълумот гирад ва бо китобҳои муҳосибавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо бо тартиби муқарраргардида шинос шаванд;

-дар тақсимоти фоида иштирок кунанд;

- ҳиссаи худро дар сармояи оинномавии Ҷамъият ва ё қисми онро ба як ё якчанд Иштирокчиёни Ҷамъияти мазкур ва ё ба шахсони сеюм бо тартиби муқаррарнамудаи оинномаи мазкур ва қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон фурӯшанд;

- мақоми идоракунӣ ва назоратии Ҷамъиятро интихоб кунад ё ба ин мақом интихоб шаванд.

- бо суратмаҷлисҳои Маҷлиси умумии Иштирокчиён шинос шаванд ва аз онҳо иқтибос гиранд;

-пас аз барҳамдиҳии Ҷамъият қисми молу мулкро, ки пас аз ҳисоббаробаркунӣ бо кредиторон боқӣ мондааст ва ба ҳаҷми ҳиссаи худ дар сармояи Оинномавӣ мутаносиб аст, гиранд;

- барои тасдиқ номзадии аъзои Шӯрои нозиронро ба Маҷлиси умумии Иштирокчиён пешниҳод намояд. Инчунин оиди пеш аз мӯҳлат қатъ намудани ваколатҳои аъзо ва ё ҳамаи аъзои Шӯрои нозирон пешниҳодҳо намояд.

- ҳар вақт новобаста аз розигии дигар Иштирокчиён, аз Ҷамъият бароӣд.

- иштирокчии Ҷамъият инчунин дигар ҳуқуқҳое дорад, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардааст.

8.2. Ҳангоми омодагӣ барои гузаронидани Маҷлиси умумии Иштирокчиён, Иштирокчӣ ҳуқуқ дорад, ки бе ягон монеа бо ҳисоботи солонаи Ҷамъият, хулосаи комиссияи тафтишотӣ ва аудиторӣ аз рӯи натиҷаи солонаи тафтиши фаъолияти молиявӣ-хоҷагии Ҷамъият шинос шавад, маълумот дар бораи номзади ба комиссияи тафтишотиро гирад, лоиҳаи тағйироту иловаҳо, ки ба оинномаи Ҷамъият ворид карда мешавад ва ё бо лоиҳаи оинномаи Ҷамъият дар таҳрири нав шинос шавад.

8.3. Ҳар як Иштирокчии Ҷамъият ҳуқуқ дорад, ки ҳар вақт гузаронидани тафтиши фаъолияти молиявӣ-хоҷагии Ҷамъиятро талаб намояд, дар ин сурат масрафҳои гузаронидани тафтиш аз ҳисоби Иштирокчие, ки тафтишро талаб намудааст, ҷуброн карда мешавад.

8.4. Иштирокчӣ ӯҳдадор аст:

- ҳиссаро дар сармояи оинномавии Ҷамъият тибқи тартиб, ҳаҷм ва мӯҳлати пешбиникардаи оинномаи мазкур ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намуда, пардохт намояд;

- талаботи оинномаи Ҷамъият ва шартҳои Шартномаи таъсисотиро риоя намояд, қарорҳои мақомоти идоракунии Ҷамъиятро, ки дар доираи салоҳияташон қабул кардаанд, иҷро намояд;

- маълумоти махфиро дар бораи фаъолияти Ҷамъият фош накунад;

- ӯҳдадориҳои ба зимаи худ гирифтаро нисбати Ҷамъият ва дигар иштирокчиёни Ҷамъият иҷро намояд;

- ба Ҷамъият дар амалӣ намудани фаъолияти он мусоидат намояд;

- дигар ӯҳдадориҳои иловагии ба зиммаи ҳамаи Иштирокчиёни Ҷамъият вогузоштаро, ки тибқи қарори Маҷлиси умумии Иширокчиёни Ҷамъият қабул карда шудаанд, иҷро намояд;

- сари вақт Ҷамъиятро дар бораи тағйири ҷои истиқомат ё ҷойгиршавии худ, хабардор кунад. Дар мавриди аз ҷониби Иштирокчии Ҷамъият пешниҳод накардани ахборот дар бораи иваз шудани маълумот дар бораи худ, Ҷамъият ба зарари барои ҳамин ҳолат ба миёномада, масъул намебошад.

## 9. БАРОМАДАНИ ИШТИРОКЧӢ АЗ ҶАМЪИЯТ.

9.1. Иштирокчии Ҷамъият ҳуқуқ дорад ҳар вақт новобаста аз розигии Ҷамъият то зиёдшавии ҳайати Иштирокчиён аз Ҷамъият бароӣд.

9.2. Дар сурати баромадани Иштирокчӣ аз Ҷамъият ҳиссаи ӯ аз вақти додани ариза дар бораи баромадан аз Ҷамъият ба Ҷамъият мегузарад. Дар ин маврид Ҷамъият ӯҳдадор аст ба Иштирокчии Ҷамъият, ки дар бораи баромадан аз Ҷамъият ариза додааст, арзиши ҳақиқии ҳиссаи ӯро пардохт намояд, ки он дар асоси маълумоти ҳисоботи

муҳосибавии Ҷамъият дар давоми як соле, ки ариза дар бораи баромадан аз Ҷамъият дода шудааст, муайян карда мешавад ё бо розигии Иштирокчии Ҷамъият ба у молу мулки чунин арзишдоштаро дар шакли асл ва дар ҳолати пурра пардохт нашудани саҳми ӯ дар сармояи Оинномавии Ҷамъият арзиши ҳақиқии як қисми ҳиссаи ӯро, ки ба қисми пардохташудаи саҳм мутаносиб аст, диҳад.

9.3. Аз Ҷамъият баромадани Иштирокчии Ҷамъият ӯро аз ӯҳдадори дар назди Ҷамъият оид ба гузоштани саҳм ба молу мулки Ҷамъият, ки то додани ариза дар бораи баромадан аз Ҷамъият сурат мегирад, озод намекунад.

## 10. МАҚОМИ ИДОРАКУНИИ ҶАМЪИЯТ

10.1. Мақоми идоракунии Ҷамъият – Шӯрои нозирон мебошад. Ҳайати Шӯрои нозирон аз 5 нафар аъзо иборат мебошад. Узви мақоми иҷроияи Ҷамъият наметавонад, аъзои Шӯрои нозирон бошад.

10.2. Шӯрои нозирон дар ҳудуди ваколатҳои худ роҳбарии умумии фаъолияти Ҷамъиятро, ба истиснои ҳалли масъалаҳое, ки ба салоҳияти Маҷлиси умумии Иштирокчиён мансубанд, ба иҷро мерасонад.

10.3. Аъзои Шӯрои нозирон аз ҷониби Иштирокчиён ба мӯҳлати як (1) сол интихоб мегарданд ва метавонанд дар давраҳои минбаъдаи мӯҳлаташон баробар аз нав интихоб шаванд. Дар ҳолати иҷро накардани ӯҳдадориҳои худ аз ҷониби як ё ячанд аъзои Шӯрои нозирон, бо қарори Маҷлиси умумии Иштирокчиён ваколати як ё якчанд аз аъзои Шӯрои нозирон пеш аз мӯҳлат қать карда мешавад.

10.4. Сарфи назар аз талаботи дигари дар Оинномаи мазкур пешбинишуда, ҳангоми интихоби аъзои Шӯрои нозирон, Иштирокчиён ҳуқуқ доранд, ки овозҳои худро ба тарафдории як номзад диҳанд ё онҳоро байни ду ва ё бештар номзадҳо тақсим кунанд. Ба Шӯрои нозирони Ҷамъият номзадҳое интихобшуда ба ҳисоб мераванд, ки овози бештарро тавассути чунин овоздиҳӣ гирифтаанд. Иштирокчиёни Ҷамъият ҳуқуқ доранд, ки номзадии худро ба ҳайати аъзои Шӯрои нозирон пешбарӣ намоянд ва ба худ овоз диҳанд.

10.5. Раиси Шӯрои нозирон аз ҳайати аъзои Шӯрои нозирон аз тарафи худи аъзои Шӯрои нозирон интихоб карда мешавад.

10.6. Ҷаласаҳои Шӯрои нозирон на камтар аз як маротиба дар як сол даъват карда мешавад. Огоҳиномаи ҳар як ҷаласаи Шӯрои нозирон на камтар аз даҳ (10) рӯз пештар фиристода мешавад ва дар он сана, ҷой ва вақти гузаронидани ҷаласа қайд гардида, рӯзномаи ҷаласа ва ҳуҷҷатҳои ба рӯзномаи ҷаласа дахлдошта ба он замима мегарданд.

10.7. Ҷаласаи Шӯрои нозирон бо ташаббуси Раиси Шӯрои нозирон, бо талаби аъзои Шӯрои нозирон, Директор, аудитор ё Иштирокчии Ҷамъият даъват карда мешавад.

10.8. Кворум барои гузаронидани ҷаласаи Шӯрои нозирон иштироки на кам аз панҷ се ҳиссаи аъзои Шӯрои нозирон дар ҷаласа мебошад. Ҳар як аъзои Шӯрои нозирон дар вақти овоздиҳӣ доир ба қабули қарор аз рӯи масъалаҳои баррасишаванда дорои як овоз аст. Додани ҳуқуқи овоздиҳии аъзои Шӯрои нозирон ба каси дигар, инчунин ба дигар аъзои Шӯрои нозирон манъ аст. Аъзои Шӯрои нозирон ҳуқуқ надоранд аз овоздиҳӣ худдорӣ намоянд. Дар ҳолати баробарии овозҳо, овози раиси Шӯрои нозирон ҳалкунанда мебошад.

10.9. Рӯзномаи ҷаласаи Шӯрои нозирон дар асоси таклифҳои аъзои Шӯрои нозирон, директор, аудитор ва Иштирокчиёни Ҷамъият тартиб дода мешавад. Раиси Шӯрои нозирон барои фиристонидани огоҳинома ва омода намудани рӯзномаи ҷаласа масъул мебошад.

10.10. Ба салоҳияти Шӯрои нозирон масъалаҳои зерин дохил мешаванд:

- ба вазифа таъин ва пеш аз мӯҳлат аз вазифа озод кардани директор ва сармуҳосиби Ҷамъият;
- ба Маҷлиси умумии Иштирокчиён додани тавсияҳо, аз ҷумла додани тавсияҳо вобаста ба тараққиёт ва стратегияи фаъолияти Ҷамъият;
- баррасии натиҷаҳои аудит ва ба Маҷлиси умумии Иштирокчиён пешниҳоди тавсияҳо

вобаста ба вазъи молиявии Ҷамъият;

- тасдиқи қоида, тартиб ва дигар ҳуҷҷатҳои дохилии Ҷамъият, ҳамзамон сохтори ташкилии Ҷамъият, аз он ҷумла ҳайати бастӣ корӣ ва ҳаҷми музди меҳнати кормандони Ҷамъият;

-муваққатан таъин намудани иҷрокунандаи вазифаи директор ва сармуҳосиби Ҷамъият (дар сурати беморӣ, сафари хизматӣ ё рухсатии дарозмуддат будани директор ва сармуҳосиб);

-баррасии дигар масъалаҳое, ки дар асоси қарорҳои қабулкардаи маҷлиси умумии иштрокчиён ва қонунгузории ҷорӣ ба салоҳияти Шӯрои нозирон вогузошта шудааст.

10.11. Қарорҳои Шӯрои нозирон бо аксарияти оддии овозҳои аъзои Шӯрои нозирон, ки дар ҷаласа иштирок менамоянд, қабул карда мешаванд.

10.12. Дар ҷаласаҳои Шӯрои нозирон протокол тартиб дода мешавад, ки аз тарафи раискунанда ва котиби ҷаласа имзо мегардад. Протокол дар муддати панҷ (5) рӯз тартиб дода мешавад ва баъд аз он дар муддати даҳ (10) рӯз аз рӯзи гузаронидани ҷаласа, ба ҳамаи аъзои Шӯрои нозирон ирсол карда мешавад. Агар дар муддати даҳ (10) рӯз аз лаҳзаи дастрас намудани протокол ягон хел эътироз аз рӯи он аз тарафи аъзои Шӯрои нозирон ворид нагардад, пас ин протокол тасдиқшуда ҳисобида мешавад. Дар протокол вақт ва ҷойи гузаронидани ҷаласа, шахсоне, ки дар ҷаласа иштирок намудааст, рӯзномаи ҷаласа, масъалаҳои ба овоздиҳӣ гузошташуда ва натиҷаи ҷамъбасти овоздиҳӣ, қарорҳои қабулшуда қайд карда мешаванд.

10.13. Баррасии масъалаҳое, ки ба салоҳияти Шӯрои нозирон мансубанд, барои баррасӣ ба салоҳияти Директор гузошта намешаванд.

## 11. ДИРЕКТОРИ ҶАМЪИЯТ

11.1. Директор мақоми яккасардории иҷрояи Ҷамъият мебошад, ки бо қарори Шӯрои нозирон, бо се моҳи аввали мӯҳлати санҷишӣ ба мӯҳлати як (1) сол ба вазифа таъин карда мешавад. Баъди гузаштани муҳлати як (1) сол, Директори Ҷамъият метавонад аз нав ба ҳамин муҳлат ба вазифа таъин карда шавад. Директор намояндаи қонунӣ ва ваколатдори Ҷамъият буда, барои идоракунии ҳар рӯза ва фаъолияти Ҷамъият дар доираи салоҳияти аз ҷониби Маҷлиси умумии Иштирокчиён ва Шӯрои нозирон муқарраршуда масъул аст, аз ҷумла:

- тамоми фаъолият ва идоракунии Ҷамъиятро роҳбарӣ менамояд ва иҷроиши қарорҳои аз ҷониби Маҷлиси умумии Иштирокчиён ва Шӯрои нозирон қабулшударо ба роҳ мемонад;
- иҷроиши нақшаҳои ҳарсолаи тиҷоратӣ ва сармоягузории Ҷамъиятро ба роҳ мемонад;
-ба Шӯрои нозирон сохтори дохилии идоракунию ташкилии Ҷамъиятро пешниҳод менамояд;
- Ҷаласаи Шӯрои нозирон, тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд” даъват менамояд;
-бастани шартномаҳои меҳнатӣ бо кормандони Ҷамъият;
-додани ваколатномаҳо аз номи Ҷамъият;
-баровардани фармонҳо, ки он барои тамоми кормандони Ҷамъият ҳатмӣ мебошад;
-дар доираи салоҳияти худ идора ва ихтиёрдори кардани молу мулки Ҷамъият, аз он ҷумла кушодани ҳисобҳои бонкӣ ва ихтёрдории маблағҳои пулии Ҷамъият;
-ҳавасмангардонӣ ва татбиқи чораҳои таъсиррасонии интизомӣ нисбат ба кормандони Ҷамъият;
-таҳия ва тасдиқ кардани нақшаи таълимии ҳайати Ҷамъият;
-дигар амалҳои дар доираи салоҳияте, ки аз ҷониби Маҷлиси умумии Иштирокчиён ва Шӯрои нозирон дода шудааст, иҷро менамояд.

11.2. Директор салоҳияти худро танҳо барои манфиати Ҷамъият истифода мебарад. Агар Директор дар аҳде, ки Ҷамъият бастааст, манфиати молиявӣ ё дигар манфиате дошта бошад, он гоҳ ӯ бояд:

-ба Иштирокчиён огоҳномаи хаттӣ равон намояд; ва

-барои бастани аҳд розигии Маҷлиси умумии Иштирокчиёнро гирад.

11.3. Директор ҳуқуқ надорад, ки дороиҳои Ҷамъиятро мухолифи қарорҳои Маҷлиси умумии Иштирокчиён ва Шӯрои нозирон истифода барад.

## 12. ФИЛИАЛҲО , НАМОЯНДАГИҲО ВА ВОҲИДҲОИ ДИГАРИ СОХТОРИИ ҶАМЪИЯТ

12.1. Ҷамъият ҳуқуқ дорад дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қонунгузории амалкунанда филиалҳо, намояндагиҳо ва воҳидҳои дигари сохторӣ таъсис диҳад.

12.2. Филиал ва намояндагии Ҷамъият шахсони ҳуқуқӣ намебошанд ва зери роҳбарии Ҷамъият, аз ҳисоб ва аз номи Ҷамъият амал мекунанд. Ҷамъият аз рӯи фаъолияти филиалҳо, марказҳои хизматрасонии маблағгузории хурд ва намояндагиҳои худ ҷавобгар мебошад.

## 13. КОМИССИЯИ ТАФТИШОТӢ ВА АУДИТОРИ МУСТАҚИЛ.

13.1. Иштирокчии Ҷамъият бояд комиссияи тафтишотиро дар ҳайати 3 (се) узв интихоб намояд. Узви комиссияи тафтишоти директор ва сармуҳосиби Ҷамъият буда наметавонанд. Узви комиссияи тафтишотӣ ба мӯҳлати то 3 сол интихоб карда мешаванд, ба шарте ки Оинномаи Ҷамъият дигар шарту шароитро пешбинӣ накарда бошад. Иштирокчиёни Ҷамъият ҳуқуқ доранд аъзои комиссияи тафтишотиро ҳар вақт, дар сурати сабабҳои гуногуни дохили вуҷуд дошта аз вазифааш озод намояд.

13.2. Комиссияи тафтишотӣ дар бобати назорати дохилӣ ва мушоҳидаи фаъолияти молиявӣ ва иқтисодии ҷории Ҷамъият масъул мебошад. Комиссияи тафтишотӣ инчунин хисоботҳои молиявии солона ва натиҷаҳои нимсолаи фаъолияти Ҷамъиятро тафтиш мекунад ва хулосаҳоро оид ба тафтиши гузаронидашуда ба Иштирокчиёни Ҷамъият пешниҳод менамояд. Комиссияи тафтишотӣ барои дурустии тамоми маълумоте, ки дар хисобботҳои молиявии солонаи Ҷамъият нишон дода шуда, аз он ҷумла тавозун ва ҳисобот дар бораи фоида ва зиён, ки ба Иштирокчиёни Ҷамъият пешниҳод мегарданд, масъул аст. Комиссияи тафтишотӣ инчунин метавонад дигар тафтишотҳоро анҷом диҳад ва ҳисоботҳои дахлдорро пешниҳод намояд, агар вай гузаронидани ин гуна тафтишотро лозим донад, ё онҳоро бо талаби Иштирокчиёни Ҷамъият, мегузаронад.

13.3. Барои иҷрои вазифаҳои худ комиссияи тафтишотӣ ҳуқуқ дорад аз кормандон ва Иштирокчиёни Ҷамъият ҳар гуна ҳуҷҷат, маълумот ва баёнотҳоро, ки барои кори он зарур аст, талаб намояд. Комиссияи тафтишотӣ вазифадор аст, Иштирокчиёни Ҷамъиятро даъват намояд, агар аз рӯи хулосаҳои вай барои манфиатҳои Ҷамъият таҳдиди ҷиддие мавҷуд бошад.

13.4. Иштирокчиёни Ҷамъият ба манфиати Ҷамъият, аудитори беруниро таъин менамоянд, ки он иҷозатномаи (литсензия) Бонки миллии Тоҷикистонро барои гузаронидани намуди аудити мазкур дошта бошад.

13.5. Ҷамъият аз ҳисоби маблағҳои худ китобҳои баҳисобгирӣ ва сабти молиявиро мутобиқи талаботи ба ҳисобгирии муҳосиботӣ, ки тибқи талаботҳои қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва стандартҳои байналҳалқии баҳисобгирии муҳосиботӣ мутобиқанд, пеш мебарад.

13.6. Ҷамъият баҳисобгирии муҳосиботӣ ва таҳияи ҳисобҳои молиявиро бо тартибе, ки Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар кардааст, пеш мебарад.

## 14. ТАҚСИМИ ФОИДАИ ҶАМЪИЯТ

14.1. Маҷлиси умумии Иштирокчиёни Ҷамъият ҳар сол дар бораи тақсими фоидаи софи худ ба Иштирокчиёни Ҷамъият қарор қабул менамояд. Қарор дар бораи муайян намудан ва тақсими ҳиссаи фоидаи соф байни Иштирокчиёни Ҷамъият, аз тарафи Маҷлиси умумии Иштирокчиён қабул карда мешавад.

Фоидаи софи Ҷамъият байни Иштирокчиён дар он сурат тақсим мегардад, ки агар ҳолатҳои дар банди 14.4.-и Оинномаи мазкур пешбинишуда, мавҷуд набошанд.

14.2. Фоидаи софи Ҷамъият ба Иштирокчиёни он дар мӯҳлати на дертар аз се моҳ пас аз тасдиқи тақсими чунин фоида аз ҷониби Маҷлиси умумии Иштирокчиён пардохт карда мешавад, агар бо қарори Маҷлиси умумии Иштирокчиён тартиби дигар муқаррар нашуда бошад.

14.3. Иштирокчии Ҷамъият ҳуқуқ дорад, ки аз гирифтани ҳиссаи фоидаи софи худ ба манфиати дигар Иштирокчии Ҷамъият даст кашад.

14.4. Ҷамъият дар ҳолатҳои зерин набояд фоидаро ба Иштирокчиёни он тақсим кунад:

- то он лаҳзае, ки сармояи Оинномавии Ҷамъият пурра пардохта нашудааст;
- агар Ҷамъият дорои нишонаи муфлисшавӣ бошад ё Ҷамъият дар натиҷаи қабули чунин қарор метавонад муфлис эътироф шавад;
- агар пас аз чунин тақсимнамоӣ арзиши дороиҳои софи Ҷамъият аз ҳаҷми умумии сармояи Оинномавӣ кам шавад; ё
- агар дар қонунгузорӣ чунин муқаррар шуда бошад.

## 15.ТАРТИБИ НИГОҲДОРИИ ҲУҶҶАТҲОИ ҶАМЪИЯТ ВА ПЕШНИҲОДИ МАЪЛУМОТ

15.1.Нигоҳдории ҳуҷҷатҳои расмии Ҷамъият дар маҳали ҷойгиршавии мақоми иҷроияи Ҷамъият ба роҳ монда мешавад.

15.2.Ҷамъият бояд ба Иштирокчиён дастрасии озод ба ҳуҷҷатҳои Ҷамъият, аз он ҷумла ҳуҷҷатҳои муҳосибавӣ, ахборотӣ ва шарҳу эзоҳот оид ба фаъолияти Ҷамъиятро таъмин намояд. Дар сурати дархости Иштирокчиёни Ҷамъият нусхаҳои ҳуҷҷатҳои талаб кардашуда дода мешавад.

15.3. Дар ҳолати азнавташкилдиҳӣ ва қатъшавии фаъолияти Ҷамъият тамоми ҳуҷҷатҳои он (идоракунӣ, хоҷагию молиявӣ, оид ба ҳайати шахсӣ) ба ҳуқуққабулкунанда дода мешавад. Дар ҳолати набудани ҳуқуққабулкунанда, ҳуҷҷатҳои доими нигоҳдошташаванда, барои нигоҳдории давлатӣ ба бойгонӣ дода мешавад; ҳуҷҷатҳо оид ба ҳайати шахсӣ (фармонҳо, парвандаҳои шахсӣ ва картаҳои бо ҳисобҳои шахсӣ ва ғайра) барои нигоҳдорӣ ба бойгонии мақомоти идоракунии маҳаллие, ки дар он минтақа Ҷамъият ҷойгир мебошад, дода мешавад. Додан ва ҷобаҷокунии ҳуҷҷатҳо бо қувва ва аз ҳисоби воситаҳои Ҷамъият мувофиқи талаботҳои мақомотҳои бойгонӣ сурат мегирад.

## 16. ФОНДИ ЗАХИРАВӢ

16.1.Ҷамъият фонди захиравиро барои рушди фаъолияти оянда, зарарҳои ғайричашмдошт ташаккул (барпо) менамояд. Фонди захиравии Ҷамъият аз ҳисоби маблағи ҷудошуда аз фоидаи софи Ҷамъият, ки онро Иштирокчиёни Ҷамъият муайян менамоянд, ташаккул меёбад.

16.2. Дар асоси қарори Маҷлиси умумии Иштирокчиён, фонди захиравӣ барои рушди фаъолияти оянда ва бартараф намудани зарарҳо истифода карда мешавад.

## 17. АЗНАВТАШКИЛДИҲӢ ВА БАРҲАМДИҲИИ ҶАМЪИЯТ

17.1. Азнавташкилдиҳии (муттаҳидшавӣ, ҳамроҳшавӣ, тақсимшавӣ, ҷудошавӣ, табдилдиҳӣ) Ҷамъият баъди гирифтани розигии Бонки миллии Тоҷикистон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад. Барҳамдиҳии Ҷамъият тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ» амалӣ мегардад.

17.2. Ҷамъият мумкин аст бо хоҳиши худ (ихтиёран) дар асоси қарори Иштирокчиёни Ҷамъият ё бо қарори суд барҳам дода шавад.

17.3. Дар сурати ихтиёран барҳам дода шудан, Иштирокчиёни Ҷамъият бояд Ҷамъиятро мувофиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барҳам диҳанд. Аз лаҳзаи таъсиси комиссияи барҳамдиҳӣ ҳамаи ваколатҳо оид ба роҳбарии Ҷамъият ба комиссияи барҳамдиҳӣ мегузарад, ки он чараёни барҳамдиҳиро мутобиқи тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд.

17.4. Молу мулки Ҷамъияти барҳамхуранда, ки баъди ҳисобу китоб бо кредиторон боқӣ мемонад, аз ҷониби комиссияи барҳамдиҳӣ ба иштирокчиёни Ҷамъият мувофиқ ба саҳмашон дода мешавад. Тақсими молу мулкии боқимондаи ҳар як навбат мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад.

## 18. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

18.1. Тағйироту иловаҳо ба Оинномаи Ҷамъият дар асоси Қарори маҷлиси умумии иштирокчиёни Ҷамъият ворид мегарданд.

18.2. Ҳаргуна баҳсу гуногунфаҳмиҳо оид ба масъалаҳои фаъолияти ҷории Ҷамъият аз ҷониби директори Ҷамъият баррасӣ карда мешавад. Дар ҳолати ҳал нагаштани баҳсҳо, маводҳои баррасишаванда мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба мақомоти судӣ дода шавад.

18.3. Оинномаи мазкур ба забони давлатӣ дар як нусхаи аслӣ тартиб ва ба расмият дароварда шудааст.